Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-079 - и назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.**

Мубрамият ва аҳаммиятнокии таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» аз он бармеояд, ки дар раванди ташаккули ҳукумати электронӣ, рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва густариши фазои иттилоотӣ масъалаҳои марбут ба танзими сиёсати иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани фарҳанги иттилоотии ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо намудаанд. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сиёсати иттилоотии самаранок метавонад ҳамчун воситаи муҳими таҳкими суботи сиёсӣ, боло бурдани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеа хизмат намояд. Бо вуҷуди ин, мавҷудияти баъзе мушкилот, аз ҷумла нобаробарии дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ, сатҳи нокифояи инфрасохтори рақамӣ ва зарурати такмили заминаҳои ҳуқуқию институтсионалӣ омӯзиши амиқи илмии ин масъаларо тақозо менамояд, ки Тоҷикистон сарбаландона аз ин монеаҳои татбиқи сиёсати иттилоотӣ баромада истодааст.

Сохтори автореферати диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, бахшҳои асосӣ, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, феҳристи интишороти муаллиф ва

аннотатсияро дар бар мегирад. Дар муқаддима муаллиф ба мубрамияти мавзуи таҳқиқот ишора намуда ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотиро ҳамаҷониба асоснок намудааст.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки сиёсати иттилоотӣ, хусусиятҳои амалишавӣ ва омили самаранокии идоракунӣ будани ин раванд як масъалаи муҳим ва муҳокиматалаб мебошад, ки ба тамоми ҷабҳаҳои сиёсӣ, ҳаёти ҷамъиятӣ, бахусус ба равандҳои муосири сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дорад. Дар ҷаҳони имрӯз, ки иттилоот ва технологияҳои муосир як ҷузъи асосии рушду ташаккул маҳсуб меравад, таҳлили баррасии сиёсати иттилоотӣ ва самаранокии амалии он ба таъмини устувории идоракунӣ ва инкишофи соҳаҳои мухталифи давлат такони ҷиддӣ дода метавонад.

Дар автореферати диссертатсияи унвонҷӯй навгонии илмии таҳқиқотро ҳамчун заминаи асоснокнамоии илмӣ пешниҳод намудааст. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки дар асоси таҳлили ғояҳо ва пешниҳодҳое, ки дар доираи таҳқиқоти сиёсӣ ташаккул ёфтаанд, самти таҳаввулот ва хусусиятҳои сиёсати иттилоотӣ ва аҳаммияти он муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия ба омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва методологии сиёсати иттилоотӣ бахшида шуда, дар он моҳият, хусусиятҳо ва таҳаввули назариявии сиёсати иттилоотӣ, инчунин нақши сиёсати иттилоотии давлат дар низоми идоракунии муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалисозии сиёсати иттилоотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, хусусиятҳои татбиқи онро дар шароити ҷомеаи муосир инъикос менамояд.

Боби сеюми рисола ба таҳқиқи таъсири равандҳои иттилоотикунонӣ ба самаранокии идоракунии давлатӣ бахшида шуда, дар он самтҳои асосӣ ва

дурнамои рушди сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот ҷамъбаст шуда, пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ гардидаанд. Ҳолатҳои асосӣ, хулосаҳо, тавсия ва пешниҳодҳои дар диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Автореферат ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф мазмун ва натиҷаҳои асосии диссертатсияро ба таври кофӣ инъикос мекунанд.

Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва амалӣ, сатҳи таҳлил ва мутобиқати автореферати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои сиёсӣ, омӯзгори калони
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи номи Ширишоҳ Шоҳтемур ______________ Абдуев Х. Н.

Имзои н.и.с. Абдуев Х. Н. – ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур ______________ Қурбонзода А.Х.

**Суроғаи муқарриз:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел: (992 - 37) 224 -72 - 07
E – mail: rektoratau31@mail.ru

«7» 05 2026 с.